Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Таҳаввулоти солҳои охири низоми иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бахши бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллии ҳар як кишвар маҳсуб мееёбад, ки он ҳамчун омили асосии қонеъкунандаи талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад. Бахши мазкур аз тариқи мутамарказ намудани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи он, қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ хизмат мерасонад. Дар баробари он ки қарздиҳӣ дар бозори бонкӣ амалиёти фоидаовари бонкҳо ба ҳисоб меравад, инчунин дар навбати худ, яке аз фаъолиятҳои дорои хавфи зиёд дошта маҳсуб мееёбад. Аз ин рӯ, маълум карда шудааст, ки сатҳи пасти идоракунии хавфҳои қарзӣ ба бонк таъсири манфӣ мерасонад ва асос ҷиҳати исботи ҳолати мазкур таҷрибаи фаъолияти қаблии аксар бонкҳои кишвар қайд гардидааст.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида, қайд кардан зарур аст, ки мавзуи интихобгардида бо талаботи замони муосир мувофиқ буда, таҳқиқи он мубрам мебошад. Муҳим будани таҳқиқи мавзуи мазкур ба он асоснок карда шудааст, ки пешрафти иқтисодиёт дар маҷмуъ аз суботи молиявӣ ва иқтидори захиравии бонкҳо вобастагии зиёд дорад.

Ҳамзамон, дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомдодашуда мазмуни автореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳкикотро бо назардошти таҳлилҳои ҳамаҷониба дар самти идоракунии хавфҳои қарзӣ ва нишондиҳандаҳои муҳими молиявии ташкилотҳои қарзӣ пурра инъикос менамояд.

Дар автореферат дуруст қайд карда шудааст, ки унсури асосии ба пайдоиши хавф мусоидаткунанда – ин номуайянӣ мебошад ва натиҷаи хавф ба эҳтимолияти оқибатҳои гуногуни иқтисодӣ оварда мерасонад. Инчунин дар автореферат омадааст, ки низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ҳамон вакт самаранок мегардад, ки агар кор бо субъектҳои он ҳамоҳанг бошад. Муаллиф дақиқ менамояд, ки вобаста ба сатҳҳои низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ, субъектҳо ва фишангҳои асосии идоракунии хавфҳои қарзӣ аз якдигар фарқ менамоянд.

Вобаста ба ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот гуфтан ба маврид аст, ки муваффақиятҳои унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомгардида сершуморанд. Аммо, новобаста ба ин, аз нигоҳи мо, хуб мешуд агар унвонҷӯ дар таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Омилҳои ба хавфҳои қарзӣ таъсиррасон, ки дар расми 1. пешниҳод шудаанд, шарҳи пурра мехоҳанд.

2. Дар саҳ. 15-16 нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, лекин беҳтар мебуд агар онҳоро дар шакли ҷадвал таҳия менамуд ва динамикаи онҳоро пешниҳод месохт.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгуйи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ** **Комилов Н.Б.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, куч. С. Сафарова 16. Телефон: (+992) 93-844-68-80 E-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru

**Имзои Комилов Н.Б.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**